## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Дар раванди омӯзиши афкори педагогии ниёгон ва татбиқи он дар амалияи ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон ба таври аёнӣ маълум мегардад, ки баррасии нақши арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар тарбияи ахлоқии наврасону ҷавонон дар ҷомеаи имрӯза зарур ва мубрам мебошад.

Инчунин, қобили қайд аст, ки раванди ташаккули арзишҳои ҳаётӣ, аҳаммияти онҳо дар ташаккули шахсияти ҷавонон, ба урфу одатҳо, анъанаҳо, қоидаҳои рафтор ва маросими миллӣ ошно намудани онҳо ба омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи қонуниятҳои муосири танзимкунандаи масъалаҳои таълиму тарбияи ҷавонон бо мақсади истифодаи натиҷаҳои бадастомада ҷиҳати ташкили корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимии олии кишвар ниёз дорад.

Дар робита ба ин, барои ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон, рушди низоми миллии таҳсилот ба таҷрибаи таърихии халқ, асосҳои илмӣ-педагогии таълиму тарбия ва афкори педагогии ниёгон такя мебояд кард.

1. Мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 5.3 – Педагогика: 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва соҳаи илми педагогика, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунад.

2. Муҳтавои диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1 – “Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот” мутобиқат мекунад:

*банди 1.* Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ (корҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва татбиқпазирии онҳо; характери диалектикии алоқаи мутақобилаи илми педагогика ва амалияи таълим);

*банди 2.* Таърихи рушди илми педагогика ва амалияи таълим (рушди таърихии амалияи таҳсилот; ташаккул ва рушди афкор; консепсияҳо, назарияҳо; омӯзиши монографияи мероси педагогии омӯзгорони маъруфи замони гузашта; таърихи этнопедагогика);

*банди 5.* Назария ва косепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба

камол расидани ӯ; асоҳҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоҳои педагогии тарбия; консепсияҳои этнопедагогии тарбия) мутобиқат дорад.

3. Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар 59 номгӯйи мақолаҳо, монография ва дастурҳои таълимӣ-методии илмии нашршудаи довталаб, ки 22 номгӯйи онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва 9 номгӯй дастурҳои таълимӣ-методӣ ва 3 монографияи илмӣ ба табъ расидаанд, мукаммал инъикос ёфтаанд.

4. Нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия мутобиқ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) иҷро шудааст.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ бо мавқеи методологии бунёдӣ, методикаи мукаммали тадқиқ, мутобиқии мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқ, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро тасдиқ мекунад, алоқамандии назария бо амалияи кор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии озмоишӣ, бо таҷрибаи педагогии муаллиф дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси фанҳои ба раванди коркарди маълумот нигаронида; бо иштироки муаллиф дар чорабиниҳои гуногун оид ба такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ аз рӯйи самтҳои ба таҳқиқот алоқаманд таъмин карда шуданд. Эътибарнокии хулосаҳои дар раванди таҳқиқ бадастомада, инчунин, бо озмоишҳои педагогӣ ва натиҷаҳои таълим, инчунин, бо беихтилофии мавқеъҳои назариявие, ки ташаккули онҳо ба таҳлили ғояҳои педагогии муҳаққиқони гуногун асос ёфтааст, мувофиқати методҳои таҳқиқот бо ҳадафҳои матраҳгардида, бисёрҷанбагӣ ва бардавомии таҳқиқоти роҳандозишуда аз тариқи назариявӣ ва амалӣ, тасвиби натиҷаҳои бадастомада дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии пойгоҳи озмоишии таҳқикот таъмин карда шудаанд.

6. Диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба шурои диссертатсионӣ қабул карда шавад.

7. Ба сифати муқарризони расмӣ Сабурӣ Хайрулло Мирзозода – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», Иззатова Муҳаббат Иноятовна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ», Давлатзода Ҷамила – доктори илмҳои педагогӣ, и.в.

профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» пешниҳод карда шаванд.

8. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Барои нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабирро дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Сабурӣ Хайрулло Мирзозода – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;
- Иззатова Муҳаббат Иноятовна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ»;
- Давлатзода Ҷамила – доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» тавсия додашавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссератсия дар сомонаҳои шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол кардани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Лутфуллозода М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Раҳимзода Х.

доктори илмҳои педагогӣ Давлатшоев И.

«17» марти соли 2026

*"Имзои М. Лутфуллозода,* Х. Раҳимзода *ва И. Давлатшоевро тасдиқ мекунам"*

*Нозири кадр ва коргузории АТТ* *М. Саидова*

ШӮЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ